**РОҲБАРИ**
**ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**РУКОВОДИТЕЛЬ**
**ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО АППАРАТА ПРЕЗИДЕНТА**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Вазорату идораҳо,
вохидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (тибқи рӯйхат)

**Барои иҷро**

Ба Сафарзода А.

№ 26/10-203 **РАҲМОН ОЗОДА ЭМОМАЛӢ**
«12» 06 2024

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Воридот № 10-4611
«13» 06 2024 с.

Тасдиқ менамоям,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон
«12» июни соли 2024

Нақшаи чорабиниҳо
оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар
30-юми майи соли 2024 баён доштанд

| Р/т | Номгӯйи чорабиниҳо | Мухлат | Иҷрокунандагон | Масъулон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии дурусти дастовардҳои илмӣ дар соҳаи соҳибистиқлолӣ ва истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа | Мунтазам | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои дигар | Бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа |
| 2 | Баланд бардоштани нақши илми ватанӣ дар ташаккулёбии маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 3 | Назорати иҷрои сифатноки | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳаи илм | | рушди иқтисод ва савдо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ | иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 4 | Таҷдиди сохтори Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои илмиву таҳқиқотии зертобеи он бо мақсади ба талаботи замон ҷавобгӯ будани фаъолияти онҳо | Октябри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Бахши ёрдамчиёни Президенті Ҷумҳурии Тоҷикистон оид б масъалаҳои рушди иҷтимоӣ в робита бо ҷомеа, оид б масъалаҳои кадрҳо, раёсатҳо маориф, фарҳанг ва иттилоот молия, банақшагирии стратег ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроия Президент |
| 5 | Бо таъсиси комиссияи босалоҳият мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додани фаъолияти зерсохторҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, аз ҷумла иншоот ва заминҳои аз даврони гузашта дар тавозуни ин муассисаҳо боқимонда ва таҷдиди сохтор намудани онҳо | Октябри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм | Бахши Ёрдамчии Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон оид масъалаҳои рушди иҷтимоӣ робита бо ҷомеа, раёсатҳ маориф, фарҳанг ва иттилос банақшагирии стратегӣ ислоҳот, кишоварзӣ ва ҳиф муҳити зисти Дастгоҳи иҷрои Президент |
| 6 | Пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас ҷиҳати кам кардани хароҷот барои нигоҳдории таҷҳизоти нолозим ва аз ин ҳисоб бо технологияҳои замонавӣ таъмин намудани озмоишгоҳҳои мавҷуда ва таҷдиди пояи иттилоотии таҳқиқоти илмӣ | Августи соли 2024 | Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ | Бахши Ёрдамчии Президен Ҷумҳурии Тоҷикистон оид масъалаҳои рушди иҷтимоӣ робита бо ҷомеа, раёсат молия, банақшагирии страт ва ислоҳот, маориф, фарҳан иттилоот, кишоварзӣ ва ҳи муҳити зисти Дастгоҳи иҷро Президент |
| 7 | Таҳияи санади дахлдор оид ба меъёрҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва маҳсулнокии илмии кормандони он | Октябри соли 2024 | Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ ва вазорату идораҳои дигар | Бахши Ёрдамчии Президе Ҷумҳурии Тоҷикистон оид масъалаҳои рушди иҷтимо робита бо ҷомеа, раёс маориф, фарҳанг ва итти кишоварзӣ ва ҳифзи му зисти Дастгоҳи иҷр Президент |
| 8 | Тақвият бахшидани иҷрои босифати корҳо ҷиҳати то охири мӯҳлати Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба 1,5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ расонидани ҳиссаи хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм | Мунтазам | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Раёсатҳои молия, банақша стратегӣ ва ислоҳоти Дас иҷроияи Президент |
| 9 | Таҳияи санадҳои зерқонунӣ, бунёди зерсохтори зарурӣ, коркарди роҳу воситаҳои татбиқи самарабахши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ» | Мунтазам | Вазоратҳои адлия, молия, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии | Раёсатҳои ҳуқуқ, молия, инфрасохтор, банақш стратегӣ ва ислоҳот, м фарҳанг ва итт кишоварзӣ ва ҳифзи зист, кор бо ма идоракунии маҳалли Д иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | ҳокимияти давлатӣ | |
| 10 | Таквият бахшидани ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо соҳибкорон, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ҷорӣ намудани механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳо, таъмини алоқаи байнисоҳавӣ дар пешбурди таҳқиқот дар асоси талаботи бозор ва бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ таъсис додани Маркази тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | Солҳои 2024-2029 | Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 11 | Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати бештар тайёр кардани олимони ҷавон аз рӯйи ихтисосҳои зилзилашиносӣ, энергетика, геология, меъморӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия, экология, вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, сотсиология, ҳуқуқи байналмилалӣ, таърих, назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия ва ҷомеашиносӣ | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Академияи таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 12 | Ба роҳ мондани мактаби устоду шогирд дар ҳамаи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти касбӣ | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 13 | Ислоҳи камбудиҳо дар Институти математикаи Академияи миллии илмҳо, институтҳои чорводорӣ ва чарогоҳ, масоили амнияти биологӣ ва биотехнология, хокшиносии Академияи илмҳои кишоварзӣ ва бамаротиб беҳтар намудани вазъи омода намудани кадрҳои ҷавони илмӣ дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти касбӣ | Мунтазам | Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ вазоратҳои маориф ва илм, кишоварзӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 14 | Хотима бахшидани форигболиву | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, | Ёрдамчии Президент оид ба |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | бемасъулиятӣ, хусумати шахсӣ, рӯйихотирбинӣ, нотавонбинӣ нисбат ба якдигар ва рақобати носолим миёни роҳбарони муассисаҳо ва роҳбарони илмии унвонҷӯён | | Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 15 | Баланд бардоштани мавкеи шаҳрвандӣ ва пешгирии асолатбохтагӣ миёни олимону донишмандон | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 16 | Бартараф намудани мушкилоти ҷобаҷогузории кадрҳо дар Маркази омӯзиши пиряххо ва муассисаҳои илмии дигар | Сентябр | Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ | Ёрдамчиёни Президент оид ба масъалаҳои кадрҳо, оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа |
| 17 | Эълони озмуни ғайринавбатӣ барои ишголи вазифаҳои илмӣ дар Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ | Июн-сентябри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ | Ёрдамчиёни Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, оид ба масъалаҳои кадрҳо |
| 18 | Таъсиси гурӯҳи кории босалоҳият ҷиҳати таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани лоиҳаи санадҳои дахлдор оид ба дигарбора таъсис додани Академияи илмҳои тиб | Июли соли 2024 | Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо | Бахши Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсатҳои рушди иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 19 | Ислоҳи камбудиҳои қоидошта вобаста ба татбиқи натиҷабахши | Августи соли 2024 | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм | | вазорату идораҳои дахлдор | Президент |
| 20 | Аз ҳисоби ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ва дигар озмунҳо интихоб кардан ва минбаъд аз ҳисоби онҳо тарбия намудану омода кардани кадрҳои илмӣ | Мунтазам | Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 21 | Пурраву босифат иҷро намудани барномаҳои давлатӣ, истифодаи дурусту самараноки маблағҳои буҷетӣ ва грантҳои байналмилалӣ, бо ҷалби роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин соҳибкорону шахсони саховатпеша, падару модарон ва собиқ хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ таъсис додани синфхонаҳои амаливу таҷрибавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Муовини Сарвазири мамлакат (сарпарасти соҳа), Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 22 | Таъсиси синфхонаҳои иловагӣ, муассисаҳои томактабӣ ва муҳайё кардани шароити мусоиди таълиму тарбия, беҳтар кардани сифати машғулиятҳои озмоишгоҳиву амалии фанҳои | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Академияи миллии илмҳо | Муовини Сарвазири мамлакат (сарпарасти соҳа), Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | табий, риёзӣ ва техникӣ | | | Президент |
| 23 | Ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат, таъсис додани чунин паркҳо ва вобаста кардани онҳо ба корхонаҳои истеҳсолии алоҳидаи кишвар | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг в иттилоот, рушди инфрасохтор банақшагирии стратегӣ в ислоҳоти Дастгоҳи иҷроия Президент |
| 24 | Таъсиси комиссияи махсус ва таҳлили самаранокии хароҷоти маблағҳои аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давоми даҳ соли охир барои паркҳои технологӣ ҷудогардида | Июли соли 2024 | Вазоратҳои маориф ва илм, молия, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, молия, рушди инфрасохтор, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 25 | Ба роҳ мондани интихоби дурусти мавзуъҳои илмию таҳқиқотӣ, алалхусус дар самти илмҳои табиӣ ва техникӣ ва ислоҳи пурраи камбудиҳо дар институтҳои физикаву техника ва химияи Академияи миллии илмҳо | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 26 | Ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои илмӣ | Мунтазам | Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 27 | Таъсиси факултети технологияи химиявӣ ва металлургия дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон | Июли соли 2024 | Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ | Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 28 | Таҳияи механизми дарёфт ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат равона намудани натиҷаҳои коркардшудаи рисолаҳои илмӣ дар истеҳсолот | Мунтазам | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди инфрасохтор, кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 29 | Баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои илмӣ, пешгирии ҳунукназарии шӯроҳои диссертатсионии амалкунанда, муассисаҳои пешбари тақриздиҳанда, муқарризони расмӣ ва арзёбии дурусти диссертатсияҳои ҳимояшаванда | Мунтазам | Комиссияи олии аттестатсионӣ, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои дигари илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 30 | Аз нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Августи соли 2024 | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Академияи миллии илмҳо ва | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, рушди инфрасохтор, рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Академияи илмҳои кишоварзӣ | |
| 31 | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои самарабахши илмӣ дар самтҳои ташаккули «энергияи сабз», ихтироъ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 32 | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии ташаббусҳои Тоҷикистон марбут ба ҳалли масъалаҳои глобалии обу иқлим, зиёд намудани нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва муаррифии бештари Тоҷикистон ҳамчун кишвари сабз ва сайёҳии табиию табобатӣ дар арсаи байналмилалӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои дигари илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 33 | Андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати тақвияти фаъолияти Институтҳои илмию таҳқиқотии «Иқтисоди сабз», «Сайёҳӣ ва соҳибкорӣ» ва Маркази идораи лоиҳаҳои назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон | Семоҳаи сеюми соли 2024 | Вазоратҳои маориф ва илм, адлия, рушди иқтисод ва савдо, молия, кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои рушди сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| | | | Тоҷикистон | |
| 34 | Таҳлили фаъолияти раёсату шуъбаҳои омода кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогӣ бо мақсади бознигарию тақвият бахшидани фаъолияти онҳо ва пешниҳод намудани таклифҳои асоснок ба Ҳукумати мамлакат | Октябри соли 2024 | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Муовини Сарвазири мамлакат (сарпарасти соҳа), раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 35 | Такмили механизми дурусту босамари сарбории таълимӣ ва илмии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Август-сентябри соли 2024 | Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 36 | Андешидани тадбирҳои иловагӣ барои ҷалбу ҳавасманд гардонидани олимони ҷавон, ташаккули мактабҳои илмӣ ва дастгирии олимони соҳаҳои табиӣ ва риёзӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 37 | Тақвият бахшидани раванди рушди илми донишгоҳӣ бо роҳи пурзӯр кардани механизмҳои назоратии он | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 38 | Такмили пойгоҳи илмиву таҳқиқотии муассисаҳои | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | таҳсилоти олии касбӣ, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар самти рушди илм, баланд бардоштани мақоми илми донишгоҳӣ дар рейтингҳои байналмилалӣ | | касбӣ | Президент |
| 39 | Тақвият бахшидани фаъолияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, такмили механизмҳои назоратии он ва ҷалби кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи ин муассиса | Мунтазам | Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Агентии хизмати давлатӣ | Ёрдамчиёни Президент оид ба масъалаҳои кадрҳо, оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа |
| 40 | Таъмини татбиқи натиҷабахши Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта | Мунтазам | Академияи миллии илмҳо, Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳо | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 41 | Мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ, риояи принсипҳои дунявият, асосҳои сохти конститутсионӣ, таҳкими минбаъдаи сулҳу ваҳдати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ анҷом додани корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таълифи | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ, дигар муассисаҳои илмӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | асарҳои илмӣ | | | |
| 42 | Бамаротиб беҳтар намудани таҳияи стандартҳои таълимиву фаннӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, омӯзиши масъалаҳои педагогикаи муосир, таҳлили нишондиҳандаҳои барномаву консепсияҳои давлатӣ, мониторинги сифати таҳсилот ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 43 | Инъикоси ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷомеашиносиву гуманитарӣ, раванди таълим, ба роҳ мондани усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табииву риёзӣ ва ташаккули зеҳни фаъоли хонандагону донишҷӯён | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 44 | Ба роҳ мондани забономӯзӣ, касбомӯзӣ ва мутобиқ ба бозори меҳнати дохиливу берунӣ омода кардани ҷавонону калонсолон | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилоот, шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 45 | Пешбинӣ ва ҷудо намудани маблағҳои муайян барои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии заминавӣ, грантӣ ва барномавии мақсадноки рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъмини амнияти кишвар нигаронидашуда | Мунтазам | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо | Раёсатҳои молия, банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 46 | Давра ба давра арзёбӣ намудани вазъи татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва аз натиҷаҳои илмии бадастомада пешниҳод намудани маълумоти мушаххас | Октябр-декабри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм | Ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 47 | Дар ҳисоботи даврӣ ва солонаи Академияи миллии илмҳо ба таври алоҳида мавриди таҳлил қарор додани фаъолияти Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ, татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотии он ва аз натиҷаҳои илмии бадастомада ба Президенти мамлакат пешниҳод намудани маълумот | Октябр-декабри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 48 | Таъмини пешравӣ дар ҳамаи бахшҳои кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ | Мунтазам | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ | Раёсати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 49 | Ҷалби харчи бештари ҷавонон ба илмомӯзӣ ва густариши тафаккури илмӣ миёни онҳо, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ дар ин самт | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, кор бо мақомоти идоракунии маҳалли Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 50 | Боло бурдани масъулияти омӯзгорони зинаҳои таҳсилот дар самти таъмини таҳсилоти босифат ва иҷрои бомасъулияти вазифаҳои пуршарафи омӯзгорӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, кор бо мақомоти идоракунии маҳалли Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 51 | Такмили усули таълими фанҳои табиию риёзӣ ва ба ҳаёти воқеии хонанда тавъам карда омӯзонидани фанҳои мазкур ба хотири дарки зарурати омӯзиши ин фанҳо | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 52 | Ҳарчи зудтар ба охир расонидани ҷараёни таъсиси синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳои фаннӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот | Солҳои 2024-2025 | Вазоратҳои маориф ва илм, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 53 | Таъмин намудани тамоми пажуҳишгоҳҳои Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавии дигар бо озмоишгоҳҳои муосир ва таъмини онҳо бо таҷҳизоти навтарин | Солҳои 2024-2025 | Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 54 | Дар сохтори Академияи миллии илмҳо аз ҳисоби воҳидҳои кории мавҷуда тақвият додани фаъолияти сохторе, ки фаъолияти он ба самти татбиқи бевоситаи натиҷаҳои илмӣ равона карда шудааст | Октябри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 55 | Таҳияи лоиҳа ва пешниҳод намудани таклифҳо ба Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дар оянда бунёд намудани бинои нави Академияи миллии илмҳо | Октябри соли 2024 | Академияи миллии илмҳо, Муассисаи давлатии «Дирекцияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Раёсатҳои маориф, фарҳанг ва иттилоот, рушди инфрасохтор, кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 56 | Баргузор намудани лагерҳои истироҳатӣ бо ҷалби ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва доир намудани мулоқоти олимони соҳаҳои мухталиф бо онҳо бо мақсади ташаккул додани дониш ва қобилиятҳои онҳо | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |
| 57 | Ҷалб ва фаъол гардонидани олимону донишмандон дар самти посух гуфтан ба маводи муғризонае, ки вазъи воқеиро дигаргуна бозтоб менамоянд | Мунтазам | Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, кумитаҳои телевизион ва радио, ҷавонон ва варзиш, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президент |

Роҳбари
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раҳмон Озода Эмомалӣ